## Шарҳи моҳонаи таваррум • Августи 2021

**Дар моҳи августи соли 2021 сатҳи таваррум[1] ба 0,5 фоиз баробар гардид, ки дар муқоиса ба ҳамин моҳи соли қаблӣ 0,3 банди фоизӣ (б.ф.) зиёд мебошад.**

Таварруми ҳосилшуда асосан аз ҳисоби афзоиши нархи молҳои ғайрихӯрокворӣ 1,7 фоиз (саҳм дар таваррум 0,5 б.ф.) ва арзиши хизматрасониҳои пулӣ ба аҳолӣ ба андозаи 3,2 фоиз (0,5 б.ф.) ба амал омад. Ҳамзамон, дар ин моҳ пастравии нархи маҳсулотҳои хӯрокворӣ ба қайд гирифта шуд, ки -1,0 фоиз (-0,5 б.ф.)-ро ташкил дод.

Дар сохтори молҳои ғайрихӯрокворӣ дар моҳи августи соли ҷорӣ бештар қиматшавии нархи маводи сӯзишворӣ 15,5 фоиз (бахусус нархи гази моеъ 37,3 фоиз, бензини АИ-92 8,1 фоиз ва сӯзишвории дизелӣ 4,0 фоиз), либос ва пойафзол 0,8 фоиз ба қайд гирифта шуд.

Ба болоравии нархи маводи сӯзишворӣ дар кишвар бештар афзоиш ёфтани нархи нафт дар бозорҳои ҷаҳонӣ (40,4 фоиз* нисбат ба аввали сол) қимат шудани нархи маводи сӯзишворӣ дар қаламравӣ Русия ва Қазоқистон, ки дар натиҷаи тадриҷан барқарор шудани иқтисодиёт ва ба ин васила зиёд шудани талаботи кишварҳои ҷаҳон ба маҳсулоти нафтӣ пас аз давраи пандемияи коронавирус (COVID-19) ба амал омадааст, таъсир расонид.

Таҳлили вазъи сохтори воридотии кишвар нишон медиҳад, ки ҳамасола саҳми маводи сӯзишворӣ дар ҳаҷми умумии воридоти молҳои ғайрихӯрокворӣ атрофи 20,0 фоизро ташкил медиҳад.

Нарху тарифаҳои хизматрасониҳои пулӣ ба аҳолӣ низ дар моҳи ҳисоботӣ тамоюли афзоишёбӣ дошта, ба 3,2 фоиз баробар гардид, ки раванди мазкур асосан дар натиҷаи қиматшавии нархи хизматрасонии газ ба андозаи 37,1 фоиз (бахусус нархи гази моеъ 37,4 фоиз) ба вуқӯъ пайваст.

Дар сохтори маҳсулоти хӯрокворӣ бинобар мувозинатии талабот ва пешниҳоди маҳсулоти кишоварзӣ дар бозорҳои кишвар бештар арзоншавии

**Таварруми моҳона ва солона, бо %**
(манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ)




**Тағйирёбии намояи нархи бензини АИ-92 ва гази моеъ, бо %, моҳона**
(манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ)




**Афзоиши гурӯҳи нархҳои истеъмолӣ ва саҳми сохтории онҳо дар таварруми солона, бо %**
(манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ)






*Манбаъ: Бонки Ҷаҳонӣ

нархи маҳсулотҳои серистеъмоли аҳолӣ, ки ҳиссаи онҳо дар сабади истеъмолӣ намоён мебошанд, аз қабили маҳсулоти ширӣ 1,2 фоиз, тухм 4,8 фоиз, равғани пахта 1,0 фоиз, ангур 22,4 фоиз, сабзӣ 38,0 фоиз, карам 3,0 фоиз ва ғайра ба қайд гирифта шуданд.

**Ҳамин тариқ, таварруми солона дар моҳи августи соли 2021 ба 9,4 фоиз баробар гардид, ки дар муқоиса ба ҳамин давраи соли гузашта 2,4 б.ф. зиёд мебошад.**

Сатҳи таварруми аслӣ, ки дар худ қисман омилҳои монетариро инъикос менамояд, дар моҳи августи соли ҷорӣ 0,1 фоизро ташкил намуда, бо арзёбии солона ба 1,9 фоиз баробар гардид. Ба ин раванд бештар болоравии нархи молҳои ғайрихӯрокворӣ ва маҳсулоти тайёри хӯрокворӣ мусоидат намуд.

**Бонки миллии Тоҷикистон бо мақсади пешгирӣ ва бартараф намудани фишорҳои иловагии таваррумӣ дар доираи ваколатҳои худ бо истифода аз воситаҳои монетарӣ татбиқи сиёсати мутавозуни пулию қарзиро идома хоҳад дод.**

**Таварруми аслии солона, бо %,**
(манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ)




[1] - тибқи маълумоти Агентии омор

**Намояи нархҳои истеъмолӣ (таварруми солона бо фоиз)***

| | Вазн,% | 2019 | 2020 | | | | 2021 | | | | | | Август моҳона бо фоиз |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | Март | Июн | Сентябр | Декабр | Март | Апрел | Май | Июн | Июл | Август | |
| **Номгӯи молу маҳсулот ва хизматрасонӣ** | **100,0** | **8,0** | **9,3** | **8,4** | **6,6** | **9,4** | **9,9** | **8,3** | **8,4** | **9,4** | **9,1** | **9,4** | **0,5** |
| **Маҳсулоти хӯрокворӣ ва нӯшокиҳои беспирт** | **48,1** | **11,4** | **13,5** | **12,4** | **7,6** | **13,5** | **13,5** | **9,0** | **9,0** | **10,9** | **12,4** | **11,5** | **-1,1** |
| Нон ва маҳсулоти нонӣ | 15,1 | 16,5 | 13,5 | 25,3 | 15,1 | 13,8 | 10,4 | 1,0 | -5,0 | -3,7 | -3,1 | -0,8 | 2,3 |
| Биринҷ | 2,8 | 7,6 | 4,0 | -0,5 | -0,4 | 3,2 | 0,4 | -2,6 | -4,3 | -5,5 | -7,0 | -7,1 | 0,5 |
| Орд | 8,6 | 21,0 | 17,3 | 36,7 | 19,0 | 16,4 | 12,9 | -1,0 | -8,9 | -5,7 | -4,2 | -0,6 | 3,6 |
| Гӯшт ва маҳсулоти он | 7,3 | 21,8 | 20,6 | 12,3 | 5,9 | 5,7 | 9,0 | 15,7 | 14,9 | 14,6 | 15,0 | 14,7 | 0,8 |
| Гӯшти гов | 3,9 | 25,9 | 25,2 | 14,0 | 5,7 | 6,2 | 9,5 | 16,9 | 15,8 | 15,5 | 16,5 | 16,4 | 0,9 |
| Тухм | 1,5 | 6,3 | -5,1 | -0,1 | -2,1 | 18,9 | 43,2 | 24,3 | 15,5 | 24,2 | 20,2 | 16,1 | -4,8 |
| Шир ва маҳсулоти ширӣ | 1,9 | 6,4 | 6,7 | 8,1 | 7,6 | 4,3 | 5,6 | 11,3 | 8,0 | 6,2 | 7,5 | 7,8 | 1,1 |
| Шир | 0,5 | 7,3 | 11,0 | 13,0 | 8,1 | 5,6 | 10,3 | 13,6 | 7,6 | 3,1 | 7,0 | 9,2 | 2,0 |
| Равғани растанӣ ва ҳайвонот | 4,6 | -1,7 | 0,5 | 6,4 | 7,2 | 42,3 | 51,5 | 62,4 | 64,0 | 64,3 | 66,1 | 66,2 | -0,3 |
| Меваҷот | 4,1 | -2,2 | 12,1 | 18,6 | 11,5 | 4,7 | -6,4 | -11,4 | -16,3 | -9,5 | -5,2 | -6,3 | -2,2 |
| Сабзавот | 6,8 | 15,4 | 29,9 | 3,0 | -3,0 | 5,8 | 5,5 | -8,1 | 8,7 | 14,1 | 18,6 | 9,5 | -9,7 |
| Шакар | 1,9 | -5,1 | -0,2 | -2,0 | 13,1 | 40,8 | 46,7 | 42,3 | 42,5 | 41,0 | 43,1 | 42,3 | -0,1 |
| Нӯшокиҳои беспирт | 1,4 | 8,1 | -0,8 | -0,2 | -2,1 | -2,2 | 4,5 | 4,6 | 1,3 | -1,7 | -1,9 | -1,6 | 0,3 |
| **Хӯроки умумӣ**** | **1,3** | **3,0** | **3,0** | **2,9** | **6,2** | **5,9** | **5,9** | **5,9** | **5,9** | **5,7** | **5,7** | **5,7** | **0,0** |
| **Нӯшокиҳои спиртдор ва тамоку** | **2,0** | **1,0** | **1,9** | **3,2** | **5,0** | **5,0** | **4,6** | **6,2** | **6,6** | **4,3** | **4,1** | **4,0** | **0,6** |
| **Маҳсулоти ғайрихӯрокворӣ** | **31,8** | **4,2** | **5,0** | **3,9** | **5,8** | **5,8** | **7,6** | **9,2** | **9,2** | **8,4** | **7,0** | **7,8** | **1,7** |
| Либос ва пойафзол | 11,3 | 13,4 | 4,2 | 3,8 | 4,1 | 4,5 | 4,9 | 4,9 | 4,6 | 4,1 | 4,0 | 3,9 | 0,8 |
| Масолеҳи таъмир ва сохтмон | 4,2 | 4,9 | 5,5 | 6,5 | 8,0 | 8,0 | 7,8 | 7,7 | 6,9 | 6,5 | 6,4 | 6,2 | 0,6 |
| Мавoди шустушӯй | 2,0 | 3,3 | 2,9 | 5,0 | 7,0 | 10,1 | 9,5 | 10,0 | 9,0 | 7,7 | 6,6 | 5,0 | 0,1 |
| Доруворӣ | 2,9 | 13,0 | 16,5 | 11,9 | 12,6 | 7,8 | 6,6 | 6,2 | 3,0 | -0,4 | -2,3 | -2,7 | -0,3 |
| Сӯзишвории нақлиёт | 2,0 | -5,7 | 4,2 | -16,5 | -1,2 | -6,1 | 16,8 | 39,4 | 56,3 | 56,8 | 41,8 | 56,5 | 15,5 |
| Дигар намуди сӯзишворӣ | 1,2 | -9,9 | -2,1 | -2,7 | 14,8 | 14,8 | 12,8 | 24,4 | 25,4 | 22,1 | 14,0 | 13,4 | 0,0 |
| Васоити нақлиёт | 1,1 | 0,8 | -0,7 | 2,7 | 2,8 | 3,2 | 4,3 | 4,3 | 4,3 | 4,2 | 3,9 | 3,9 | 0,0 |
| Лавозимот ва ашёи дигари истифодабарии шахсӣ | 1,8 | 3,8 | 2,9 | 8,4 | 7,5 | 8,8 | 9,3 | 9,7 | 8,0 | 5,6 | 5,1 | 5,3 | 0,2 |
| **Хизматрасониҳо** | **16,7** | **5,5** | **4,7** | **5,0** | **5,0** | **4,0** | **4,1** | **5,3** | **6,2** | **5,1** | **3,9** | **6,5** | **3,2** |
| Манзилӣ-коммуналӣ | 5,7 | 9,1 | 11,0 | 7,5 | 4,9 | 1,8 | 3,7 | 7,2 | 10,2 | 9,6 | 6,0 | 13,9 | 9,0 |
| Иҷорапулии манзил | 0,2 | 2,8 | 1,3 | 1,3 | 2,8 | 6,0 | 4,7 | 4,7 | 3,8 | 3,8 | 2,6 | 2,6 | 0,0 |
| Обрасонӣ ва партовбарорӣ | 0,8 | 4,3 | 1,1 | 0,6 | 0,6 | 0,0 | 0,2 | 0,2 | 0,2 | 0,2 | 0,2 | 0,2 | 0,0 |
| Қувваи барқ | 3,2 | 16,2 | 16,2 | 16,2 | 0,0 | 0,7 | 0,7 | 0,7 | 0,7 | 0,7 | 0,7 | 0,7 | 0,0 |
| Оби гарм | 0,0 | 0,6 | 0,6 | 0,6 | 0,6 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 |
| Газ | 1,1 | -5,9 | 5,9 | -9,3 | 28,1 | 4,0 | 14,1 | 36,2 | 61,2 | 52,0 | 26,1 | 62,2 | 37,1 |
| Нақлиёт | 4,3 | 3,7 | -1,4 | 0,9 | 4,6 | 3,0 | 1,5 | 1,5 | 1,5 | 1,5 | 1,5 | 1,5 | 0,0 |
| Алоқа | 2,0 | 0,1 | 0,2 | 8,5 | 8,6 | 9,0 | 9,0 | 9,0 | 9,0 | 0,6 | 0,6 | 0,4 | 0,0 |
| Маориф | 1,8 | 1,5 | 1,6 | 1,6 | 7,7 | 9,3 | 8,8 | 8,8 | 8,8 | 8,8 | 8,8 | 7,6 | 0,0 |
| Тандурустӣ | 1,1 | 15,6 | 15,6 | 16,0 | 0,5 | 0,4 | 0,3 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 |
| Маишӣ | 1,6 | 3,8 | 4,4 | 3,1 | 2,6 | 6,7 | 5,9 | 5,7 | 5,6 | 5,5 | 4,6 | 4,1 | 0,0 |

*- Номгӯи молу маҳсулот ва хизматрасониҳои серистеъмоли аҳолиро дар бар мегирад. Маълумоти пурра оид ба номгӯи маҳсулот (аз рӯи сабади истеъмолӣ-546 номгӯи маҳсулот) дар сомонаи Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (www.stat.tj) ҷойгир мебошад.

** - Ошхона, қаҳвахона ва тарабхонаҳо